«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.п., дотсент
________________Сафарзода Д.Ҷ.
«__16__» ____03____ 2026 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи номзадии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард», аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон, ки ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар аҳаммияти махсуси илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофии худ ба низоми муосири роҳҳои автомобилгард ҳамчун заминаи асосии рушди иқтисод, таъмини амнияти миллӣ ва густариши робитаҳои тиҷоратӣ ниёз дорад. Роҳҳои автомобилгард на танҳо инфрасохтори нақлиётӣ, балки унсури

муҳими сиёсати давлатӣ оид ба раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани кишвар ба давлати транзитӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар шароити густариши муносибатҳои бозорӣ, афзоиши сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ, ҷорӣ гардидани шаклҳои нави шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ, инчунин истифодаи механизмҳои консессионӣ, муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард мазмун ва хусусияти нав касб намудаанд. Бо вуҷуди ин, заминаи меъёрии амалкунанда то ҳол наметавонад тамоми паҳлуҳои мураккаби ҳуқуқии ин равандро фаро гирад.

Махсусан, масъалаҳои зерин мубрамияти мавзуъро тақвият мебахшанд: номуайян будани мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ; мушаххас нагардидани реҷаи ҳуқуқии онҳо (ғайриманқул, маҷмуаи томи молу мулк ё объекти хаттӣ); мавҷудияти холигиҳо дар танзими шартномаҳои паймонкорӣ ва консессионӣ дар соҳаи роҳсозӣ; зарурати такмили низоми ҷавобгарии шартномавӣ ва кафолати сифати роҳҳои навбунёд; нокифоя будани таҳқиқоти илмии комплексӣ дар ин самт дар илми ҳуқуқшиносии миллӣ.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», бо вуҷуди аҳаммияти назаррасаш, ҳамаи масъалаҳои марбут ба гардиши маданӣ ва иштирокчиёни муносибатҳои соҳибкориро фаро нагирифтааст. Ин ҳолат зарурати таҳқиқоти амиқи илмиро барои ташаккули мавқеи ягонаи назариявӣ ва пешниҳоди таклифҳои асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ба миён меорад.

Илова бар ин, афзоиши шумораи лоиҳаҳои сармоягузории байналмилалӣ, ҷалби субъектҳои хусусӣ ба сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо, инчунин баланд гардидани нақши шартномаҳои дарозмуҳлат масъалаи муайян намудани тавозуни манфиатҳои давлатӣ ва хусусиро дар ин соҳа ба миён мегузорад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи комплексии масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард на танҳо аз ҷиҳати

илмӣ навгонӣ дорад, балки ба ҳалли мушкилоти амалии ҳуқуқтатбиқнамоӣ, такмили қонунгузорӣ ва рушди устувори инфрасохтори нақлиётии кишвар мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда, мавзуи диссертатсия мубрам, саривақтӣ ва ҷавобгӯи талаботи рушди илми ҳуқуқшиносии миллӣ ва ниёзҳои амалии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асосноккунии натиҷаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ироагардида дар маҷмуъ метавонанд мусбат арзёбӣ шаванд. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ аз заминаи мустаҳками назариявӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва эмпирикӣ истифода бурда, масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба таври системавӣ ва пайдарпай таҳлил намудааст.

Пеш аз ҳама, асоснокии натиҷаҳо бо такя ба таҳлили муфассали қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси шаҳрсозӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», инчунин дигар санадҳои соҳавӣ таъмин гардидааст. Муаллиф меъёрҳои ҳуқуқиро на танҳо тавсиф, балки онҳоро аз нуқтаи назари ҳамоҳангӣ, холигиҳо ва ихтилофҳои дохилӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Ҳамзамон, дараҷаи асосноккунии хулосаҳо бо истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ таъмин шудааст. Дар диссертатсия мавқеи олимони маъруфи соҳаи ҳуқуқи мадании ва соҳибкорӣ мавриди муқоиса ва таҳлил қарор гирифта, бар заминаи онҳо андешаҳои мустақили муаллиф ташаккул ёфтаанд. Ин равиш имкон додааст, ки натиҷаҳои бадастомада танҳо хусусияти тавсифӣ надошта, балки дорои муҳтавои таҳлилӣ ва хулосабарории илмӣ бошанд.

Муаллиф дар баррасии мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ, инчунин дар масъалаи танзими шартномаҳои

паймонкорӣ ва ҷавобгарии тарафҳо далелҳои мантиқӣ ва меъёриро пешниҳод намудааст. Пешниҳодҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ (аз ҷумла вобаста ба муайян намудани роҳҳои автомобилгард ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул ва муқаррар намудани мухлати кафолат) аз таҳлили амалияи мавҷуда ва камбудиҳои ошкоргардида маншаъ мегиранд, ки ин ба онҳо хусусияти асоснок ва амалӣ мебахшад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсия нахустин пажӯҳиши мукаммали комплексӣ дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба таври низомнок ва фарогир мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Муаллиф бори аввал масъалаҳои зеринро ба таври илмӣ асоснок намудааст: муайян намудани табиати ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ; асоснок кардани зарурати эътирофи роҳҳои автомобилгард ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул; таҳияи таснифи марҳилаҳои таърихии рушди қонунгузорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард; таҳлили хусусиятҳои танзими шартномавии муносибатҳои паймонкорӣ дар соҳаи роҳсозӣ; пешниҳоди таклифҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ»

Навгонӣ инчунин дар муносибати муаллиф ба масъалаи таносуби танзими давлатӣ ва хусусӣ дар бахши роҳсозӣ зоҳир мегардад. Дар диссертатсия роҳҳои автомобилгард на танҳо ҳамчун объекти инфрасохторӣ, балки ҳамчун дороии дорои гардиши маданӣ ва объекти муносибатҳои соҳибкорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки чунин равиш дар таҳқиқоти қаблӣ ба таври мустақил пешниҳод нашуда буд.

Саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада бо чанд омил таъмин гардидааст: заминаи меъёрӣ – таҳлили ҳамаҷонибаи санадҳои қонунгузории амалкунандаи

миллӣ ва санадҳои зерқонунӣ, ки ба соҳаи сохтмон, замин, соҳибкорӣ ва роҳсозӣ дахл доранд; асоси назариявӣ – истифода ва таҳлили интиқодии осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои объекти ҳуқуқи маданӣ, муносибатҳои соҳибкорӣ ва шартномаҳои сохтмонӣ бахшида шудаанд; методологияи илмӣ – татбиқи усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ, ки имкон додаанд масъалаҳо дар пайдарпайӣ ва робитаи мантиқӣ баррасӣ шаванд; пайвастагии мантиқии хулосаҳо – натиҷаҳои пешниҳодшуда мустақиман аз таҳлили бобҳо ва зербобҳои диссертатсия бармеоянд ва хусусияти эъломиявӣ надошта, бо далелҳои илмӣ асоснок гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки натиҷаҳои диссертатсия ба рушди назарияи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд. Муаллиф бо таҳлили комплексии мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард, такмили мафҳумии онҳо ҳамчун объекти ҳуқуқ ва асоснок намудани зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ, заминаи нави назариявиро барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои инфрасохтори нақлиётӣ дар доираи ҳуқуқи хусусӣ фароҳам овардааст. Таҳқиқот метавонад ҳамчун сарчашмаи илмӣ ҳангоми таҳияи корҳои диссертатсионӣ, рисолаҳои магистрӣ, мақолаҳои илмӣ ва курсҳои махсуси таълимӣ дар соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи замин истифода шавад.

Аҳаммияти амалии бо он асоснок карда мешавад, ки пешниҳодҳои муаллиф хусусияти амалӣ дошта, ба такмили қонунгузории соҳавӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», инчунин муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд. Татбиқи ин пешниҳодҳо метавонад: ба мушаххас гардидани мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард; ба такмили низоми шартномаҳои паймонкорӣ ва консессионӣ; ба баланд бардоштани сатҳи ҷавобгарии субъектҳои соҳибкорӣ дар бахши роҳсозӣ; ба беҳтар

гардидани сифати лоиҳакашӣ, сохтмон ва нигоҳдории роҳҳо мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ширкатҳои паймонкорӣ ва сохторҳои назоратӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии рисола дар он дарҷ мегардад, ки бо дарназардошти он ки роҳҳои автомобилгард пояи рушди иқтисоди миллӣ, тиҷорати дохилӣ ва транзитии байналмилалӣ ба ҳисоб меравaнд, такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар ин соҳа метавонад ба: баланд бардоштани ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ; таъмини шаффофият ва устувории муносибатҳои шартномавӣ; коҳиш додани хавфҳои ҳуқуқӣ барои соҳибкорон; афзоиши рақобатпазирии инфрасохтори нақлиётии кишвар мусоидат намояд. Ин омилҳо дар маҷмуъ ба рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими мавқеи транзитии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меоранд.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия дар он зикр мегардад, ки рушди босифати роҳҳои автомобилгард ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, рушди сайёҳӣ, коҳиши сатҳи садамаҳои нақлиётӣ ва таҳкими робитаҳои байни минтақаҳо мусоидат менамояд. Такмили низоми кафолат ва ҷавобгарии шартномавӣ дар сохтмони роҳҳо метавонад ба беҳтар шудани амнияти ҳаракат ва ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон мусоидат намояд, ки ин ҷанбаи муҳими иҷтимоии таҳқиқот мебошад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти баланди илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонанд дар рушди минбаъдаи қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард нақши муассир бозанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифода аз заминаи мустаҳками назариявӣ ва таҳлили муфассали санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ», асоснок гардидаанд. Муаллиф

усулҳои муосири илмӣ – таҳлили низомнок, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқиро татбиқ намуда, масъалаҳоро пайдарпай ва дар иртиботи мантиқӣ баррасӣ кардааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳо мустақиман аз натиҷаҳои таҳлил бармеоянд, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқ буда, хусусияти эъломиявӣ надоранд. Пешниҳодҳои ироашуда дорои аҳаммияти амалӣ мебошанд, ки ин низ ба дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот мустақилона анҷом дода шуда, масъалагузорӣ, интихоби усулҳои илмӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳо аз ҷониби муаллиф амалӣ гардидааст. Довталаб бори аввал дар доираи илми ҳуқуқшиносии миллӣ масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ба таври комплексӣ таҳлил намуда, мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгардро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ асоснок кардааст. Ҳамчунин, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла вобаста ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ва муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҳсули таҳлили мустақилонаи муаллиф мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, довталаб 4 мақолаи илмиро дар чунин маҷаллаҳо интишор намудааст, ки мазмуну муҳтавои онҳо паҳлуҳои асосии мавзуи таҳқиқот, аз қабили мақоми ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард, танзими шартномавии муносибатҳои паймонкорӣ ва масъулияти молумулкӣ дар сохтмони роҳҳоро дар бар мегиранд

Ҳамзамон, натиҷаҳои дигари таҳқиқ дар маҷмӯъ дар 11 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар, инчунин дар маърузаҳо ва маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтаанд.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо таѓйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз ҷиҳати мазмун ва ҳаҷм комилан анҷомёфта буда, сохтори он ба талаботи стандартии корҳои диссертатсионӣ мутобиқ аст. Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала арзёбӣ шудааст. Ҳамзамон, объект ва мавзӯи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ ба таври возеҳ муайян шудаанд.

**Сохтори диссертатсия** аз се боб, муқаддима, хулосаҳо, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи нашрияҳои муаллиф иборат буда, мутобиқ ба мантиқ ва ҳадафҳои тадқиқот ташкил ёфтааст. Ҳар як боб дорои пайдарҳамии мантиқӣ ва таҳлили муфассал мебошад, ки муҳтавои умумии мавзӯъро ҳамаҷониба фаро мегирад.

Дар боби якум – «**Тавсифи умумии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард**» (саҳ. 19-83) муаллиф асосҳои назариявӣ ва меъёрии муносибатҳои соҳибкориро дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард мавриди таҳлилиҳ ҳамаҷониба қарор додааст. Дар зербоби якуми боби якум моҳият, хусусият ва сохтори ин муносибатҳо таҳлил гардидааст. Муаллиф мафҳуми муносибатҳои соҳибкориро дар заминаи назарияи ҳуқуқи соҳибкорӣ шарҳ дода, унсурҳои таркибии онҳоро (субъект, объект ва мазмун) мушаххас менамояд. Мақоми роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти инфрасохторӣ ва ҳамзамон объекти эҳтимолии муомилоти маданӣ таҳлил шуда, масъалаи мансубияти онҳо ба молу мулки ғайриманқул баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, хусусиятҳои махсуси ин муносибатҳо, аз ҷумла вобастагӣ ба моликияти истисноии давлат ба замин, тартиби иҷозатдиҳӣ, назорати давлатӣ ва аҳаммияти стратегии соҳа асоснок карда мешаванд. Дар

зербоби дуюм бошад, эволютсияи таърихии танзими ҳуқуқии соҳа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф марҳилаҳои асосии ташаккул ва рушди қонунгузориро аз давраи Шуравӣ то замони истиқлол таҳлил намуда, тағйироти институтсионалӣ ва ислоҳоти қонунгузориро нишон медиҳад. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ» ҳамчун марҳилаи сифатан нави танзими ҳуқуқӣ арзёбӣ гардида, дар баробари он холигиҳо ва норасоиҳои меъёрӣ низ муайян карда мешаванд. Дар зербоби сеюми боби якум низоми идоракунӣ ва назорати давлатӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф мазмун ва шаклҳои танзими давлатӣ, тартиби иҷозатномадиҳӣ, механизмҳои назорат ва масъулияти мақомоти давлатӣ нисбат ба субъектҳои соҳибкориро баррасӣ намуда, таносуби танзими давлатӣ ва хусусиро дар ин соҳа асоснок мекунад.

Боби дуюм – **«Танзими шартномавии муносибатҳои молумулкӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард»** (саҳ. 84-124) ба таҳлили ҷанбаҳои шартномавии муносибатҳои молумулкӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард бахшида шудааст. Дар зербоби аввал табиати ҳуқуқии шартномаи паймонкорӣ дар сохтмон таҳлил гардида, хусусиятҳои он дар соҳаи роҳсозӣ муайян карда мешаванд. Муаллиф унсурҳои асосии шартнома (предмет, муҳлат, арзиш, кафолат, ҷавобгарӣ) ва нақши онро ҳамчун воситаи асосии танзими муносибатҳои байни фармоишгар ва паймонкор нишон медиҳад. Дар зербоби дуюм мақоми ҳуқуқии иштирокчиён – фармоишгар, паймонкор, зерпаймонкор, ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва назоратӣ таҳлил мегардад. Муаллиф ҳуқуқ ва ухдадориҳои ҳар як иштирокчиро мушаххас намуда, масъалаҳои ҳамоҳангсозӣ ва тақсими масъулиятро дар раванди иҷрои корҳои сохтмонӣ баррасӣ мекунад.

Боби сеюм **«Ҷавобгарии тарафҳои шартномаи паймонкорӣ дар сохтмони роҳҳои автомобилгард»** (саҳ. 125-150) ба таҳқиқи масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар доираи иҷрои шартномаи паймонкорӣ бахшида шудааст. Дар зербоби якум асосҳо ва шаклҳои ҷавобгарии молумулкӣ таҳлил гардида, масъалаҳои ҷуброни зарар, пардохти ҷарима ва кафолати сифат

мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муаллиф ба зарурати муқаррар намудани мухлати кафолати дарозмуддат барои роҳҳои навбунёд таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Дар зербоби дуюм масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар ҳолати расонидани зарар баррасӣ гардида, имконияти татбиқи институти ҷуброни зарари маънавӣ дар муносибатҳои марбут ба сохтмони роҳҳо таҳлил мешавад.

Ҳаҷми рисола ба меъёрҳои муқарраршуда ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии он бо такя ба заминаи назариявӣ, қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи муқоисавӣ асоснок карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, ҳаҷм ва мазмун комилан анҷомёфта буда, метавонад ҳамчун тадқиқоти илмии мустақил ва дорои арзиши назариявию амалӣ арзёбӣ гардад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Барасмиятдарорӣ ва сохтори диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида таҳия гардида, аз муқаддима, се боби мантиқӣ пайдарпай, зербобҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат аст. Сохтори кор ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мутобиқат дошта, пайдарпайии мантиқии баррасии масъалаҳоро таъмин менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Мавзуъ, муҳтаво ва самти таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра мутобиқат менамояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ, табиати ҳуқуқии объекти ҳуқуқи маданӣ, шартномаи пайдонкорӣ

дар сохтмон, ҷавобгарии молумулкӣ ва ҷуброни зарар таҳлил гардидаанд, ки мустақиман ба доираи ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ дохил мешаванд.

1. **Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастовардҳои назаррас ва аҳаммияти баланди илмӣ-амалии диссертатсия, он дорои як қатор камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб мебошад, ки асосан хусусияти ҷузъӣ доранд:

– Муаллиф дар диссертатсия масъалаи эътирофи роҳҳои автомобилгард ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ ва ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул-ро пешниҳод менамояд ва барои ин ворид намудани тағйирот ба моддаи 141 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок мекунад (саҳ. 14–15). Бо вуҷуди аҳаммияти назариявии чунин пешниҳод, дар таҳқиқот масъалаи тафовути ҳуқуқии роҳҳои автомобилгард аз дигар объектҳои хаттии инфрасохтор, аз қабили хати интиқоли барқ, қубурҳо ё роҳҳои оҳан, ки низ ба категорияи маҷмуаи томи ғайриманқул мансуб дониста мешаванд, ба таври кофӣ таҳлил нашудааст. Дар ин замина, истифодаи таҳлили муқоисавии чунин объектҳо метавонист асоснокии илмии пешниҳоди муаллифро боз ҳам мустаҳкам намояд.

– Дар яке аз ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда муаллиф муносибатҳои соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгардро ҳамчун маҷмуаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятӣ бо хусусиятҳои хос муайян намудааст. Бо вуҷуди аҳаммияти назариявиҷ чунин мавқеъ, дар диссертатсия масъалаи таносуби ин муносибатҳо бо низоми умумии муносибатҳои соҳибкорӣ, инчунин ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи маданӣ ба таври пурра таҳлил нашудааст. Аз ҷумла, муайян намудани меъёрҳои дақиқи фарқгузории онҳо аз муносибатҳои соҳибкорӣ дар дигар соҳаҳои инфрасохторӣ (энергетика, нақлиёт, сохтмон) метавонист асоснокии илмии ин нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшударо боз ҳам мустаҳкам гардонад..

– Пешниҳод оид ба муқаррар намудани мӯҳлати кафолати на камтар аз 20 сол барои роҳҳои автомобилгард аз ҷиҳати назариявӣ асоснок мебошад,

аммо он ниёз ба таҳлили иловагии иқтисодӣ ва техникии таъсири чунин меъёр ба фаъолияти соҳибкорон ва буҷети давлатӣ дорад.

Бо вуҷуди ин эродҳо, ҳамаи камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба сатҳи умумии илмӣ ва арзиши амалии кори анҷомшуда таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Баръакс, ба назар гирифтани онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф метавонад барои мукаммалсозии бештар ва тавсеаи самтҳои нави тадқиқот хидмат намояд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард», аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талдаботи мавҷуда мувофиқ мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмиҷалии хусусӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешгбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79, ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертасия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ назариявии кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисоди факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ карор дода шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 9 нафар:

Тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №7 аз 17-уми марти соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби М.И. Мирзоев н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Протоколи кафедра таҳти №7 аз 17-уми марти соли 2026.

**Раиси семинари илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Д.А.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи
маданӣ ва иқтисодии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И.

**Котиби ҷаласа:**
муаллими калони кафедраи
ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуров Ф.Б.

«Имзои Олимзода Д.А., Мирзоев П.И.,
Нуров Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсус Насурдинзода А.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир 33
Тел: (+992 37) 224-45-29, https://www.apa.tj, info@apa.tj, «17» 03 соли 2026